ТАСДИҚ МЕКУНАМ
директори Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ,
н.и.т., дотсент Муродзода А.А. ____________
«__04__» ____________ 2025

**ХУЛОСАИ**

**Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ омода шудааст.

Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад.

Роҳбари илмии Каримдодзода Миралӣ Замон номзади илмҳои таърих, дотсент Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Каримдодзода М.З. соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси бостоншинос хатм намудааст. Дар давраи омодасозии диссертатсия унвонҷӯ Каримдодзода М.З. ба ҳайси муовини сардори раёсати фондӣ ва бақайдгирӣ ва сардори шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии Осорхонаи миллии Тоҷикистон кор мекард.

Мавзуи диссертатсия бо пешниҳоди шуъбаи бостоншиносии Инстиути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ таҳти унвони «Сиккаҳои қадими Осорхонаи миллии Тоҷикстон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. III пм - VIII м)» аз ҷониби Шурои олимони институти мазкур (суратҷаласаи №7) аз 29 августи соли 2019 тасдиқ гардидааст. Бо Қарори суратҷаласаи №10 аз 28 декабри соли 2022 дар

унвони диссертатсияи Каримдодзода М.З. тағйирот ворид шуда, бо пешниҳоди шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нав Шурои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ унвони рисоларо «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» дар таърихи 30 декабри соли 2022 протоколи №10 тасдиқ намудааст.

Каримдодзода М.З. соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯйи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул шуда, мувофиқи маълумотнома оид ба таҳсил таҳти №3 аз 03 марти соли 2025 унвонҷӯйиро хатм намудааст.

17 июли соли 2025 шаҳодатномаи №1319 аз тарафи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ дар он хусус дода шудаст, ки ӯ имтиҳонҳои номзадиро аз рӯйи фанҳои таърих ва фалсафаи илм (29 майи соли 2025) бо баҳои «хуб», забони хориҷӣ (англисӣ) (22 ноябри соли 2023) бо баҳои «хуб» ва имтиҳони тахассусиро аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (4 июли соли 2025) бо баҳои «аъло» супоридааст.

Диссертатсияи Каримдодзода М.З. дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» дар ҷаласаи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ муҳокима ва барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Дар муҳокима мудири шуъба – д.и.т., профессор Камол Ҳ., сарходимони илмӣ д.и.т., профессор Пирумшоев Ҳ., д.и.т., профессор Саидов А., ходимони пешбари илмӣ д.и.т. Хоҷаева Н., н.и.т. Сафарзода Н., ходимони калони илмӣ, д.и.м., профессор Муқимов Р., н.и.т. Содиқова С., ходимони илмӣ н.и.т. С. Ҳусайнӣ, н.и.т. Мирзоев Ш., ходимони хурди илмӣ Одинаев А., Амиршоев С., лаборантони калон Тоҷиева М, Сафаров Қ., Нуруллозода Ҳ. ва Ҳиссоҷаева Ш. ширкат доштанд.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:**

Диссертатсияи Каримдодзода М.З. таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳаммияти амалӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, фарогири натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад. Дар он вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Муаллиф тавонистааст ба таври кофӣ муҳиммияти онро барои илм ва ҷомеаи муосир асоснок ва исбот намояд. Муаллифи диссертатсия дуруст зикр менамояд, ки барои омӯзиши таърихи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар даврахои қадим ва ибтидои асрҳои миёна дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ маводи нумизматӣ, аз ҷумла сиккаҳо ҳамчун маъхази муътамад ва мустанад аҳаммияти калон доранд. Махсусан, омӯзиш ва таҳқиқи сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёна ба мо имкон медиҳанд, ки таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии даврахои қадим ва ибтидои асримиёнаи аҷдоди тоҷиконро мавриди тахлилу баррасӣ қарор диҳем.

***Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** Мақсади асосии рисола таҳқиқ ва мушаххас намудани таркиб, омӯзиш ва ба доираи илмӣ ворид намудани сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи ОМТ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, ошкор кардани имкониятҳои сарчашмавии сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, таҳияи феҳристи илмии сиккаҳо ва ба истифодаи умум пешниҳоди он ҷиҳати ҳалли масъалахои таърихӣ, аз ҷумла тиҷорат ва муомилоти пулӣ мақсади асосии таҳқиқот маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин вазифаҳои таҳқиқот ба таври зайл муайян гардиданд:

- омӯзиши таърихи ташаккули илми сиккашиносӣ дар Тоҷикистон;
- таҳқиқи таърих ва роҳҳои ташаккули фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- муайян намудани таркиб, даврабандӣ ва мансубияти сулолавии сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- таснифи илмии сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- таҳқиқи метрологии сиккаҳои асрҳои V пеш аз мелод V мелодии фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва муайян намудани таърихи ташаккул ва рушди муомилоти пулӣ ва сикказанӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон;
- ворид намудани маводи нави сиккашиносӣ ба доираҳои илмӣ ва ошкорсозии навъҳои нави сиккаҳо;
- тартиб додани феҳристи мукаммали сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ роҷеъ ба сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф кӯшиш

намудааст, ки дар асоси сиккаҳои ин давра ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои Ҳахоманишиҳо, Юнону Бохтар, Ашкониён, Кушониён ва Сосониёнро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад. Бинобар ин, навгониҳои илмии рисола бо нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- омӯзиш ва таҳқиқи сиккаҳои аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ёфтшударо, ки дар таркиби Хазинаи Ому мавҷуданд, соли 1881 коллексионер ва муҳаққиқи бритонӣ Каннингхем А. оғоз намудааст, муайян карда шуд;
- муайян карда шуд, ки фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо се роҳи асосӣ: харид, ковишҳои бостоншиносӣ ва қабули ҳадя ташаккул ёфтааст;
- дар натиҷаи гурӯҳбандии сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки фонди сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ду ҳазору ҳафтсаду ҳаштод сиккаро дар бар мегирад;
- маълум гардид, ки сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, асосан аз ёдгориҳои водии Вахш, шаҳраки Сайёди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ҳалқаҷари ноҳияи Хуросон кашф ва ҷамъоварӣ шудаанд;
- муайян карда шуд, ки дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон 1 навъ сиккаи ҳахоманишӣ, 4 навъ сиккаи юнонӣ, 1 навъ сиккаи селевкӣ, 6 навъ сиккаи юнону бохтарӣ, 2 навъ сиккаи ашконӣ, 6 навъ сиккаи кушонӣ, 2 навъ сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва ду навъ сиккаҳои сосонӣ маҳфуз мебошанд;
- вазни сиккаҳои ҳахоманишӣ, юнону бохтарӣ, ашконӣ, кушонӣ, кушонӣ-сосонӣ, сосонӣ-кушонӣ ва сосонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон муайян шуданд;
- мушаххас гардид, ки муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон аз асрҳои VI-IV пеш аз мелод ба вуҷуд омадааст;
- натиҷаи таҳқиқи ганҷинаи сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ, ки аз минтақаи Кӯлоби Тоҷикистон соли 1996 пайдо ва ба Покистон интиқол ёфта буд, бори аввал ба доираи илми сиккашиносии тоҷик ворид гардид.
- бори аввал феҳристи илмии мукаммали сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон мураттаб гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷа ва хулосаҳои асосии онро дар асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърих,

сикказанӣ ва муомилоти пулии давраҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Тоҷикистон, Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон инчунин, дар дарсҳои тахассусии донишгоҳҳо роҷеъ ба таърих ва сикказании аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна метавон истифода намуд. Кормандони осорхонаҳо метавонанд барои пешбурди экскурсияҳо, таҳияи шиносномаҳои илмӣ ва феҳристҳо аз рисола баҳра бардоранд. Сиккашиносон, аз ҷумла сиккашиносони ҳаваскор, кормандони муассисаҳои илмӣ ва осорхонаҳо метавонанд дар асоси феҳрист, ки тавсиф ва акси сиккаҳоро дар бар мегирад, сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаро муайян кунанд ва шарҳ диҳанд.

Хулосаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодгардида натиҷаи таҳқиқоти анҷомшудаи назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи баён, масъалагузорӣ ва услуби таълифи диссертатсия зоҳир мегардад. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот - интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд. Хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд бардоштани худшиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангии миллӣ ва рушди тафаккури миллӣ муфид ва самаровар мебошанд. Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, робитаи зич дорад.

Хулоса, диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи зерини нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо инъикос ёфтааст:

[1-М]. Каримдодов, М. Инъикоси сиккаҳои қадим дар толори сиккаҳои МД ОМТ. [Матн] / М. Каримдодов // Муаррих. – Душанбе: Дониш, 2020. – №4 (24). – С.64-74.

[2-М]. Каримдодов, М. Бозёфти сиккаҳои кушонӣ дар шаҳраки Сайёд дар соли 2021 [Матн] / М. Каримдодов // Гузориши АМИ ҶТ. – Душанбе, 2021. – №4 (016). – С.43-47

[3-М]. Каримдодов, М. Ковишҳои бостоншиносӣ ва бозёфти сиккаҳои кушонӣ дар шаҳркадаи Ғаравқалъа [Матн] / М. Каримдодов //Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2021. – №3 (88). – С.28-34.

[4-М]. Шарифзода, А. Каримдодзода М. Қадимтарин сиккаҳои фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва масъалаҳои таърихи ташаккули муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна / А. Шарифзода, М. Каримдодзода // Муаррих.– Душанбе, 2024.– №4 (40). – С.43-55.

[5-М]. Каримдодзода, М. Аз таърихи ташаккули сиккашиносӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М. Каримдодзода //Пайёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (10). – С.124-136.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад;
2. Диссертатсияи номзадии Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V пм. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимояи кушод ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-

093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш аз 24 июни соли 2025 қабул гарид. Дар ҷаласа 15 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар; зид - нест; бетараф - нест. Суратҷаласаи №6 аз 24 июли соли 2025.

**Мудири шуъбаи таърихи қадим,**
**асрҳои миёна ва нав доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **Ҳамза Камол**

**Котиби маҷлис** **Тоҷиева М.**

**Имзои Ҳ. Камол ва М. Тоҷиеваро тасдиқ менамоям**
**сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

25.07.2025

**Нишонӣ:** *734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-33, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ. Тел.:221-37-42; E-mail: itaijt51@mail.ru, site: www.institute.tj*